# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Нақши забони модарӣ дар инкишофи тафаккур ва нутқ басо муҳим буда, тарбияи эҳсосот ва майли забономӯзӣ аз табиати худи забон бармеояд, ки он воситаи баёни афкор ва эҳсосоти мо мебошад. Забон муассиртарин василаест, ки ҷаҳони андеша ва дунёи ботинии моро ба ҷаҳони берун марбут мегардонад.

Рисолаи пешниҳодшуда масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти фаъолияти педагогӣ, ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабиро ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар назар дорад.

Таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони хориҷиву ватанӣ оид ба ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро муаллифи рисола дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима диссертант муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқот иборат аз он аст, ки** вазифа, мазмун ва технологияи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ дар ҷанбаи инкишофи нутқӣ муайян гардида, барномаи махсуси ташаккули омодагии нутқии кӯдакон “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ коркард ва мавриди озмоиш қарор ёфтааст. Асоси системаи таълимро муносибати комплексӣ – дар як машғулият ба инобат гирифтани паҳлӯҳои гуногуни масъалаҳои нутқӣ ва интихоби

дурусти асарҳои бадеӣ ва маводи таълимӣ, ки мазмуну мундариҷаи олӣ доранд ва аз лиҳози бадеият ба шуури кӯдакон дастрас мебошанд, ташкил медиҳад.

Хеле бамаврид аст, ки муҳаққик зимни ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути шиносоӣ бо муҳити атроф ва адабиёти бадеӣ, дар онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии миллати тоҷик ташаккул дода, омӯзиши забони модарӣ ва эҳтиром ба онро мавриди таҳқиқ қрор додааст.

Дар боби якум - **“Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат”** зимни таҳлили масъалаи омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ қайд мегардад, ки инкишофи нутқи шифоҳӣ дар кӯдакӣ яке аз равандҳои асосии инкишофи инсон ба ҳисоб меравад, зеро забон бузургтарин ва беҳтарин воситаи муошират, ифодаи фикр ва аз худ намудани донишу таҷрибаи ҳаёт маҳсуб меёбад.

Дар боби дуюм **“Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули омодагии нутқии кӯдакони 5-7 сола ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”** ташкил гардидаанд. Дар боби мазкур натиҷаи озмоишҳои бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ мавриди шиносоӣ бо олами атроф ва адабиёти бадеӣ машғулиятҳои таълимӣ оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуда, баррасӣ гардидааст.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди таълим истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ муфид буда, барои инкишофи нутқи бою пурмазмуни кӯдакон шароити мусоид фароҳам меорад.

Унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоиши босамари истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоиро мавриди санҷиш қарор диҳад, зеро онҳо воситаи босамари ташаккули фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва ташкили фаъолияти таълимии кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 9 мақолаи илмӣ: 4 номгӯй дар нашриҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода *дар* мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, кори илмии

ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳилаи Нураҳмадзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори
кафедраи методикаи таълими фан
дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ
ва миёнаи умумии филиали
“Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.

Суроға: 734000, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1, кӯчаи М. Турсунзода 8а.
Тел: 915272221. Почтаи электронӣ: kurbonova-73@mail.ru

Имзои Қурбонова Г.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои
ФМДДҶТИБКСМ Шарипов А.